# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзуи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод гардидааст.**

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Султонзода Б.С., ки дар мавзуи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX» бахшида шудааст дар илми таърихнигорӣ мавзуи муҳим ва актуалӣ буда, то ҳол доир ба масъалаи лашкар, ҳайати он, рисолати ин лашкар ва мудирияти он дар аморати Бухорои ин давр таҳқиқи ҳамаҷониба нашудааст. Бо дарназардошти ин зарурат дар ин диссертатсия масоили ташкили артиши муназзам ва таъминоти он дар аморати Бухоро, анъанаи лашкардорӣ ва навовариҳо дар мудирияти он, таъмини лашкар бо аслиҳаи ҷангӣ, идораи лашкари аморат, рутбаҳои ҳарбӣ ва уҳдадориҳои соҳибмансабон ва таъминоти моддии лашкари аморат дар замони вассали Россия шудани аморати Бухоро мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Мақом ва иштироки мардуми тоҷикзабон дар воқеаҳои сиёсии давр, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, ҳаёти фарҳангии кишвар нишон дода шудааст. Дар рисола бо истифода аз маълумоти маъхазҳои хаттӣ, бойгонӣ, ахбори мухталифи тадқиқот ва асарҳои муаллифони гуногун ба таври васеъ лашкар, умури аскария ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар иртибот бо ҳолат, идоракунӣ ва анъанаҳо омӯхта шудаанд.

Дар ин таҳқиқот аз усулҳои хронологӣ - сулолавӣ, системавӣ-муқоисавӣ, оморӣ, таҷдиди таърихӣ, усули умумии универсалӣ, баён, детерминизм истифода бурдааст. Дар рисолаи номзадии мазкур инчунин, бо истифодаи методҳои маърифатӣ инъикоси воқеаву ҳодисаҳои ҳарбию

сиёсии солҳои тобеияти вассалии (протекторат) аморати Бухоро ба Россияи подшоҳӣ, хусусиятҳои мусбат ва манфии лашкардорӣ, омӯзиши вазъи лашкар ва таъминоти ҳарбии аморати Бухороро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳиро низ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Унвонҷӯ дар рисолаи номзадии худ аз сарчашмаҳои гуногун ва адабиётҳои илмии ватаниву хориҷӣ хеле ба маврид истифода намудааст. Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун, муҳтаво ва хулоса ба талабот ҷавобгӯ буда, кори илмии бaанҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф гардида ҳисобида мешавад. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи номзадии мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих сазовор мебошад.

Номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ: Одинаев А.

Имзои номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ
Одинаев А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ: Мирпоччоев И.Х.

18.04.2022